Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар вақти шуруъ кардан ба намоз

Аз ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар вақти шуруъ кардан ба намоз (такбири таҳрима гуфтан) дастонашро то баробари шонаҳояшон боло мебурданд. Инчунин ҳангоми такбири рукуъ ва бардоштани сараш аз рукуъ, низ дастонашро боло мебурданд ва "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, Раббано ва лакал-ҳамд" мегуфтанд. Дар вақти саҷда ин корро анҷом намедоданд.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар се мавзеъ дар намоз дастонашро то баробари шонаҳо боло мебурд, яъне ҷое, ки маҳали пайвандии бозу бо китф аст. Мавқеъи аввал: Ҳангоми шуруъи намоз дар такбири таҳрима. Дуввум: Ҳангоми такбир гуфтан барои ба рукуъ рафтан. Сеюмм: Ҳангоми аз рукуъ бархостан ва "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, Раббано ва лакал-ҳамд" гуфтан. Ҳангоми саҷда кардан ва аз саҷда бархостан ин корро анҷом намедод.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3095